6582/10.1 аз 03.05.2019

Мақомоти ҳудудии андоз

Оид ба риоя намудани тартиби
мукотибот бо сафоратҳо, намояндагиҳо
ва консулгариҳои хориҷӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риоя намудани тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми анҷом додани мукотибот миёни мақомоти давлатӣ, ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи сархати 3 банди 7 Низомномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, таҳти №593 тасдиқ шудааст, вазорату идораҳо тавассути Вазорати корҳои хориҷӣ бо роҳи мубодилаи номаҳо метавонанд, мукотиботро бо сафоратҳо, намояндагиҳо ва консулгариҳои хориҷии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, анҷом диҳанд.

Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадоранд, ки дар ҳолатҳои ба миён омадани масъалаҳо ҷиҳати риояи қонунгузории андоз мукотиботро бо сафоратҳо, намояндагиҳо ва консулгариҳои хориҷии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, танҳо ба воситаи Кумитаи андоз ба роҳ монанд.

Раис Н. Давлатзода